Султони
ҲАМАД



# ПАЙВАНДИ АҲМАД ЗОҲИР БО МАВЛАВӢ

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Султони Ҳамад**

# ПАЙВАНДИ АҲМАД ЗОҲИР БО МАВЛАВӢ

**Душанбе - 2007**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**ББК 85.314+84 тоҷик 7-5**
**Ҳ-31**

*Султони Ҳамад*. **Пайванди Аҳмад Зоҳир бо Мавлавӣ.** Душанбе, «Деваштич», 2007. 72 саҳ.

**© Султони Ҳамад. 2007**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ПЕШГУФТОР

Рисолае, ки сухан дар борааш меравад, дуввумин асари рӯзноманигор ва пажӯҳишгари варзидаи тоҷик Султони Ҳамад мебошад, ки ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти овозхони нотакрор, ситораи тобноки мусиқии Шарқ Аҳмад Зоҳир бахшида шудааст. Китоби нахуст «Аҳмад Зоҳир султони қалбҳо»-ро, ки соли 2005 нашриёти «Деваштич» интишор намуд, метавон арзишмандтарин ва мукаммалтарин тадқиқот дар бораи ин ҳунарманди мумтоз номид. Нашри ин асарро алоқамандони ҳунари волои Аҳмад Зоҳир ҳам дар дохили кишварҳои форсизабон ва ҳам берун аз он бо хушнудӣ истиқбол намуданд ва то имрӯз ба унвони муаллиф ва нашриёт номаҳои зиёде омадаанд, ки дар онҳо хонандагон дархост намудаанд, то асар бо ҳуруфоти форсӣ кирилӣ таҷдиди чоп шавад.

Муаллиф рӯи ин асар, ки аз 7 боб ва 47 зербоб иборат аст, заҳмати зиёде кашида, ба бисёр паҳлӯҳои торики зиндагонии пурфоҷиаи ин ҳунарманд равшанӣ андохтааст.

Муҳаббати беандоза нисбат ба ин ҳунарманд муаллифро водоштааст, ки рисолаеро таҳти унвони «Пайванди Аҳмад Зоҳир бо Мавлавӣ» эҷод намояд. Порчаҳои алоҳидаи ин асар ба истиқболи ҷашни



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мавлоно дар рӯзномаи «Нигоҳ» чоп шуданд ва инак нашриёти «Деваштич» тасмим гирифтааст, ки онро ба таври комил барои ихлосмандони ин ҳунарманд пешкаш намояд.

Рисолаи мазкур ба масъалаи хеле муҳим пайванди ин ду шахсияти нотакрори адабиёту фарҳанги Шарқ бахшида шудааст.

Барои ба ин ҳадаф расидан муаллиф нахуст ба таърихи пайдоишу интишори яке аз шохаҳои тасаввуф, тариқати чиштия, асосгузор ва давомдиҳандагони афкори ин тариқат назарее андохта, дар бораи баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи он, аз қабили ба самоъ майл доштани аҳли ин ҷараён, мусиқиву рақс маълумоти мухтасар меорад. Ба андешаи Султони Ҳамад Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ-яке аз намояндагони барҷастаи тасаввуф, асосгузори тариқати мавлавия-аксари осори худро ҳангоми самоъ эҷод кардааст. Маҳз ҳамин чиз мӯҷиби бо мусиқӣ созгор омадани ашъори Мавлоно гардидааст. Аҳмад Зоҳир бошад, аз байни овозхонон аз ҳама бештар ба осори Мавлон ва орифони дигар оҳанг бастааст ва тавонистааст вобаста ба мазмун мусиқии хуб офарад ва таъсири сухани бузургонро афзояд. Дар навбати худ сарварон ва пайравони тариқати чиштия дар симои Аҳмад Зоҳир ва эҷодиёти ӯ як нафар овозхони худамониро дарёфтанд ва кӯшиш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кардаанд, ки батадриҷ ӯро ба маслаки худ ҷалб намоянд.

Рисолаи мазкур бо усули илмиву бадеӣ бо забони равону шево эҷод гардидааст. Муаллиф дар аксар маврид аз абёти Мавлоно ва дигар бузургони шеъри форсӣ истифода бурдааст, ки ин асарро боз ҳам ҷолибтар кардааст. Мо устод Султони Ҳамадро бо ин бозёфти нав муборакбод намуд, умед дорем, ки рисола ба хонандагон писанд хоҳад омад.

**Шаҳобуддини Шуҷоъ,**
**номзади илми филологӣ**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПАЙВАНДИ
## АҲМАД ЗОҲИР БО МАВЛАВӢ

***То он даме, ки ин марсия ахиран ба дастам нарасид, ҷуръат намекардам андешаҳои поёниро, ки ҳамеша дунболагирам буданд, рӯи когаз биёрам. Фикр мекардам хонандагонам маро дуруст намефаҳманд. Аҳмад Зоҳир куҷову тасаввуф куҷо? Ин баробар ба он мебуд, таъкид кунам, ки ниҳоли бороваре, ки даҳҳо фарсах аз чашмаи мусаффое дур реша дар хок дорад, маҳз аз ҳамон оби зулол шодоб шудааст. Ба ҳар ҳол баъди дарёфти ин марсия, мурури тозае кардан ба зиндагинома ва эҷодиёти Аҳмад Зоҳир ва махсусан хоҳиши шадиди сухане гуфтан дар бораи пайванди ин хунёгари нотакрор бо осори орифи тавоно Ҷалолиддини Балхӣ дар арафаи таҷлили 800-солагии рӯзи таваллуди Мавлавӣ маро ба навиштани ин сатрҳо водор сохт.***

## АҲМАД ЗОҲИР МОҲИ ЧИШТИЁН?

Марги Аҳмад Зоҳир дар баҳори соли 1979 миллионҳо алоқамандону шефтагони садояшро дар сар то сари ҷаҳон ба сӯги мотами ӯ шинонд. Ҳар яке ба тарзи хеш хабари ин мусибатро қабул карданд ва таҳаммул намуданд. Аммо дар ин байн шояд кам касон донанд, ки рӯзи фоҷиъа дар Кобул, дар хонақоҳе, ки ибодатгаҳи аҳли тариқати чиштия ба ҳисоб мерафт, бошандагони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

он марги Аҳмад Зоҳирро талафоти бузурге барои муршид ва пайравони ин шохаи тасаввуф донистанд. Дар марсияе, ки ба муносибати вафоти Аҳмад Зоҳир онро муаллифи ба мо номаълум дар шакли маснавӣ ҳамон вақт гуфтааст ва он аз тариқи радиои Кобул танҳо боре, он ҳам дар нахустин солгарди рӯзи марги Аҳмад Зоҳир мунташир шудааст, ин хунёгари бемислро «нури чашми дӯстон», «партави меҳру вафо», «дилбари пири муғон», «моҳи чиштиён», «вафодори ҷаҳони ишқу роз» меномад. Матни пурраи ин маснавӣ аз чилу чор байт иборат аст. Аз ин чанд байте, ки дар зер иқтибос шудаанд, бараъло дарк кардан мумкин аст, ки Аҳмад Зоҳир дар тариқати чиштия қурбу манзалати хосае доштааст:

**Хонақаҳ ҷое, ки ушшоқи фано,**
**Ишқ меварзанд бе шайду риё.**
**Хонақаҳ ҷое, ки масти ваҳдатанд,**
**Аз худӣ берун маҳви фитратанд.**
**Хонақаҳ ҷое, ки сӯзи созҳо,**
**Месарояд аз ду олам розҳо…**
**Ман намедонам чаро имшаб, чаро,**
**Хонақаҳ хомӯшу бе шӯру садо?**
**Ҳам зи най сӯзе намеояд ба гӯш,**
**Не зи чиштиён касе дорад хурӯш…**
**Бас сарозераст  ашки чиштиён,**
**Ҳамчу сел аз чашми ин соҳибдилон.**
**Мутрибон зору хароб уфтодаанд.**
**Чиштиён дар изтироб уфтодаанд.**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Ашк чун фаввора аз чашмонашон,**
**Мерасад бар арсаи домонашон…**
**Гуфт мутриб бо дили ларзон чунин:**
**«Моҳи чиштиён ниҳон шуд дар замин».**
**Ман намедонам чаро сози ғам аст.**
**Дар раги ҳар тор гӯӣ мотам аст…**
**Сар бурун овард аз оғӯши ғам,**
**Пири ботадбир гуфто: «Ай санам,**
**Як назар кун, бин сафои мо куҷост?**
**Партави меҳру вафои мо куҷост?**
**Нури чашми дӯстони мо, чӣ шуд?**
**Дилбари пири муғони мо чӣ шуд?...**
**Зоҳир, ай ёри вафодори ҳунар,**
**Бо ғурубат нағмаҳо шуд беасар…**
**Ай вафодори ҷаҳони ишқу роз,**
**Ай навопарварда булбул, нағмасоз…**
**Рафт дил аз синаам бо рафтанат,**
**Сар фидои ҷойгоҳи хуфтанат.**

## ТАЪРИХЧАИ ТАРИҚАТИ ЧИШТИЯ

Тариқати чиштия чӣ гуна тариқат аст ва он кай, дар куҷо, аз сӯи кӣ арз вуҷуд кардааст? Таълимоти он чӣ гуна будааст? Шояд ин суолҳо баъди хондани он пораи маснавии дар боло зикршуда ба зеҳни ҳар як хонандаи гиромӣ омада бошанд. Бо мақсади он, ки ба умқи мавзӯъ сарфаҳм биравем ва натиҷагирии дуруст дошта бошем, дар аввал ба шумо, хонандаи азиз, як каме маълумоти муфассалтаре дар бораи ин



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

тариқат хоҳем дод. Тариқати чаштия, чи тавре ки дар боло ишора рафт, яке аз шохаҳои ҷараёни мазҳабиву фалсафии тасаввуф мебошад. Дар бораи асосгузори ин тариқат Хоҷа Абуисҳоқӣ Шомии Чиштӣ дар сарчашмаҳо чандон маълумоти зиёд нест. Ҷойнишини ӯ яке аз шогирдонаш Хоҷа Абу Аҳмади Абдол (вафоташ соли 966-и мелодӣ) будааст. Дар навбати худ Хоҷа Абу Муҳаммад (вафоташ соли 1020-и мелодӣ), писари Хоҷа Абу Аҳмади Абдол баъди падараш сарварии ин тариқатро ба ӯҳда мегирад. Ҳамин тариқ Хоҷа Абу Юсуф (вафоташ 1067-и мелодӣ), Хоҷа Мавдуд (вафоташ 1133-и мелодӣ) яке паси дигаре ин тариқатро роҳбарӣ мекунанд. Ва аммо танҳо дар замони Хоҷа Муиниддин Ҳасани Чиштӣ ин тариқат машҳур мешавад ва алоқамандону пайравони зиёд пайдо мекунад. Аз ин рӯ аксарияти муҳаққиқон маҳз ӯро асосгузори ҳақиқии ин тариқат медонанд. Бинобар ин лозим донистем дар бораи Хоҷа Муиниддин ва ҷойгузинонаш маълумоти бештар диҳем.

Хоҷа Муиниддин Ҳасани Чиштӣ соли 1136 дар деҳаи Чишти Шарифи вилояти Ҳироти Афғонистон чашм ба дунё кушодааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо аз тарафи модарӣ аҷдоди ӯ ба имом Ҳасан ва аз тарафи падарӣ ба имом Ҳусейн, набераҳои Расули Акрам Муҳаммад пайғамбар (С) мерасидааст. Дар синни чаҳордаҳсолагӣ падараш вафот мекунаду зери таъсири Иброҳим ном шайхе ба тасаввуф мегарояд. Бо мақсади андӯхтани илму дониш дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ин соҳа сафарҳои зиёд мекунад. Чанд муддат дар Бухорову Самарқанд низ таҳсили илм кардааст. Баъдан ба Нишопур меравад. Дар он ҷо дар назди суфӣ Хоҷа Атмони Ҳорунӣ, ки низ аслан аз Чишт будааст, шогирд меистад. Сипас тибқи маълумоти баъзе маъхазҳо ба хобаш ҳазрати Муҳаммад Пайғамбар (С) медарояду ӯро ҳидояти ба Ҳиндустон рафтан мекунад. Дар роҳ ба Ҳиндустон Хоҷа Муинниддин мақбараҳои бузургони тасаввуфро зиёрат карда, бо шахсиятҳои бузурги тариқатҳои мухталифи тасаввуф мулоқотҳо меорояд. Аз ҷумла, тибқи ин маъхазҳо дар Ҳисори Шодмони Тоҷикистони имрӯза низ шаш моҳ зиндагонӣ кардааст. Баъдан аз тариқи Балх ба Ҳиндустон рафта чанд муддат дар Деҳлӣ иқомат мекунад. Азбаски олиму табиби бузург низ будааст, дар ҳама ҷо хизмати мардуми авомро адо мекардааст. Аз эҳтирому ихлоси зиёде, ки ба ӯ доштанд, ҳиндуҳо гурӯҳ-гурӯҳ дини мубини исломро қабул карда, фавҷ - фавҷ ба тариқати ӯ мепайвастанд. Билохира соли 1166 аз Деҳлӣ ба шаҳри Аҷмири Ҳиндустон мекӯчад ва ҳафтод соли боқимондаи умрашро дар он ҷо гузаронида, дар соли 1236 дунёи builtфониро тарк мегӯяд.

Баъд аз сари ӯ яке аз шогирдони бовафо ва пешқадамаш Қутбиддини Бахтиёри Кокӣ ҷойнишинаш мешавад. Тибқи иттилои «Сафинат-ул-авлиё»-и Муҳаммад Дорошукӯҳи Шоҳиҷаҳонободӣ Қутбуддини Бахтиёри Кокӣ дар мавзеии Ӯши водии Фарғона таваллуд



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ёфтааст. Дар маъхазҳои дигар омадааст, ки дар он шабе, ки ӯ ба дунё меояд, манзили онҳоро нуре фаро мегирад, ки он то субҳ идома пайдо мекунад. Қутбуддин аз лаҳзаи аввали ба дунё омаданаш ба зикр гуфтан машғул мешавад. Модари Қутбуддин зани бисёр порсо ва ботақво буда Қуръонро аз ёд медонистааст. Қутбиддин то ба мактаб рафтанаш дар назди модараш таълим мегирад. Баъдан вақте, ки Хоҷа Муиниддин ҳангоми сафар ба Ӯш мерасад, Қутбиддин шарафи шогирдии ӯро пайдо мекунад. Сипас чанд муддат баъди устодаш Қутбуддин низ ба Бағдод меравад. Ӯ дар Бағдод  аз уламои бузурги замонаш, аз ҷумла аз шайх Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ, асосгузори тариқати сӯҳравардияи тасаввуф низ илм омӯхтааст. Баъди он, ки Хоҷа Муиниддин Ҳасани Чиштӣ аз Бағдод ба Ҳиндустон меравад, Қутбуддин низ аз пасаш ба он ҷо сафар мекунад. Чанд муддат дар Деҳлӣ дар хизмати устодаш қарор мегирад. Вақте ки Хоҷа Муиниддин ба Аҷмир рафтанӣ мешавад, мехоҳад Қутбуддин низ ҳамроҳаш биравад. Вале чун гиряву нолаи шогирдону алоқамандони Ҳоҷа Қутбуддинро дар рӯзи видоъ аз пасаш мебинад, розӣ мешавад, ки Қутбуддин дар Деҳлӣ бимонад ва ҳаддалимкон сари ҳар чанд вақт аз ӯ хабар бигирад. Бо вуҷуди дар вопасин лаҳзаҳои зиндагиаш аз ӯ дур будан Хоҷа Муиниддин васият мекунад, ки ҷойгузинаш Қутбуддини Кокӣ бошад. Воқеъан, Кокӣ чӣ маъно дорад? Кокӣ нонпазеро гӯянд, ки кулчаҳои равғании қоқ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мепухтааст (мисли қоқфатири тоҷикӣ) ва ин кулчаҳоро кок мегуфтаанд. Дар «Сафинат-ул-авлиё» омадааст, ки Қутбиддин дар Деҳлӣ дар ҳамсоягии баққоле зиндагонӣ мекард. Азбаски вай бо корҳои мазҳабии худ сахт машғул буд, ӯ ҳатто намедонист, ки фарзандонаш аз ин ҳамсоя ҳар рӯз нон қарз мегирифтаанд. Боре зани ҳамсоя онҳоро таъна карда мегӯяд, ки агар мо дар ҳамсоягии шумо намебудем, шумо аз гушнагӣ ба ҳалокат мерасидед. Ин суханҳо ба гӯши Қутбиддин мерасанд. Ӯ ба фарзандонаш мегӯяд, ки аз ин ба баъд дар вақти зарурат аз тоқи ҳуҷра ба қадри ҳоҷат нон бигиранду истеъмол намоянд ва дигар аз касе қарз нагиранд. Пас аз ин фарзандонаш ҳар рӯз аз тоқи ҳуҷраи хонаашон ба қадри зарурӣ коки гарм мегирифтаанд. Тибқи ривояти дигар боре Қутбуддин бо ҳамроҳии дӯстонаш дар лаби ҷӯйборе нишаста мулоқот мекардаанд, ки яке аз ҳамраҳонаш ҳаваси хӯрдани коки гармро мекунад. Қутбуддин бадеҳатан дастонашро даруни оби ҷӯйбор бурда берун мекашад, ки дар дастонаш чанд дона коки гарм. Сипас кокҳоро ба дӯстонаш медиҳад. Инро дӯстонаш дида аз ин ба баъд ӯро Қутбуддини Кокӣ ном мебаранд. Қутбуддин Бахтиёри Кокӣ дар поёни умраш дар вақти дар самоъ будан ҳангоме, ки қавволон ин байти як ғазали шайх Аҳмади Ҷомиро мехонданд, ба ҳолати иғмо (кома) меравад:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Куштагони ханҷари таслимро,**
**Ҳар замон аз ғайб ҷоне дигар аст.**

ва дигар ба ҳуш наомада аз дунё чашм мепӯшад.

Баъди вафоти Қутбуддин дар соли 1237 роҳбарии тариқати чиштияро шогирди Қутбуддин Фариддудини Ганҷи Шаккар ба ӯҳда мегирад. Бобои Фаридуддини Ганҷи Шаккар дар замони ҳуҷуми муғулҳо аз Кобул фирор карда ба Панҷоб меояд ва ӯро дар шаҳри Мултони Ҳиндустон қозӣ таъин мекунанд. Наберааш Фаридуддин дар ҳамин ҷо таваллуд мешавад. Фаридуддин таълими ибтидоиро агарчи дар назди Баҳоваддини Закариёи Сӯҳравардӣ гирифта бошад ҳам, аз пайвастан ба тариқати сӯҳравардия худдорӣ мекунад. Дар синни 17 солагиаш дар Мултон Қутбуддини Кокиро мебинаду муридаш мешавад. Ва дар ҳамин ҷо тариқати чиштияро мепазирад. Фаридуддини Ганҷи Шакар аз ҷумлаи он валиҳои камшуморе ҳаст, ки муттасил, пайваста, бе танаффус ба даргоҳи Илоҳӣ чил шабонарӯз намоз мегузоштааст.

Фаридуддини Ганҷи Шакар соли 1265 дар сини 93 солагӣ ин ҷаҳони фониро падрӯд мегӯяд. Ӯ дар Пак Патани Панҷоб ба хок супурда мешавад ва урси (ёдбуд) ӯро ҳамасола панҷуми моҳи муҳаррам дар рӯзи вафоташ таҷлил мекунанд. Дар назди мақбараи ӯ дарвозае ҳаст, ки онро «дарвозаи биҳишт» гӯянд. Ин дарвозаро танҳо дар рӯзи урси Фаридуддин боз мекунанд ва



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

аз он муридону ихлосмандони ӯ гузар мекунанд. Ривояте ҳаст, ки шабе дар хоби ҷойнишини Фаридуддини Ганҷи Шакар Низомиддини Авлиё ҳазрати Муҳаммади пайғамбар (С) медароянд, ки бо ишора ба ин дарвоза мегӯяд: «Эй Низомиддин, касе, ки аз ин дарвоза ворид мешавад, наҷот меёбад».

Бобои Низомиддини Авлиё низ муҳоҷир буд ва аз Бухоро ба Ҳиндустон рафтааст. Низомиддин тақрибан дар солҳои 1236 ё 1237-и мелодӣ дар шаҳри Будаун таваллуд мешавад. Ӯ панҷсола будааст, ки падараш вафот мекунад. Таҳсили ибтидоиро дар назди модараш Зулайхо, ки зани бисёр бофазлу донишманд ва ботақво будааст, ба анҷом мерасонад. Низомиддин ба модараш чунон дилбастагие доштааст, ки баъди маргаш низ қариб ҳар рӯз қабри ӯро зиёрат мекардааст. Замоне, ки Низомиддин бистсола мешавад, овозаи Фаридуддини Ганҷи Шаккарро мешунавад ва ба наздаш ба шаҳри Аҷодҳу меравад ва шарафи муридиро пайдо мекунад. Низомиддин дар омӯзиши тасаввуф чунон пеш меравад, ки Фаридуддин аз байни шогирдони сершумораш маҳз ӯро намояндаи худ дар Деҳлӣ таъин мекунад. Тибқи хабарҳо муносибати байни Низомиддин бо ҳокимони замонаш чандон хуб набудааст. Сабаби инро муҳаққиқон дар он мебинанд, ки Низомиддин бо ҳокимони давр наздикӣ намеҷуст, аз сӯҳбати эшон канораҷӯӣ мекард. Ин рафтори Низомиддин ба шоҳони замонаш чандон хуш намеояд. Зеро Низомиддин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

миёни мардум обрӯ, нуфуз ва эҳтироми баланд дошт. Шоҳ Мубораки Ҳилҷӣ одате дошт, ки бо рух додани моҳи нав дар осмон зиёфате меорост ва ба он вузаро, сарони ақвом ва шахсиятҳои бонуфузи кишварро даъват мекард. Ҳама дар ин рӯз ба ӯ дар моҳи нав комёбӣ ва саломатӣ орзу мекарданд. Низомиддин даъвати шоҳро ҳамеша рад мекард ва ба шодбошиаш намерафт. Дар арафаи чунин зиёфати навбатӣ шоҳ ба шайх Низомиддин даъватнома фиристода таҳдид мекунад, ки агар ин дафъа ба зиёфаташ наояд, аз худаш гила кунад. Низомиддини огаҳ аз ин таҳдиди шоҳ ба зиёрати қабри модараш меравад ва баъди хондани оёте чанд аз Қуръони маҷид бо ашки чашм хитоб ба модар мегӯяд: «Модари меҳрубонам, агар шоҳ то тулӯъи моҳи нав ин дунёро падруд нагӯяд, ман дигар ба зиёрати ту омада наметавонам». Тифоқо бо амри Худованди бузург ҳангоми тулӯъи моҳи нав шоҳ аз сӯи як рақибаш ба қатл мерасад. Ва аммо мухолифати шоҳон бо шайх Низомиддин идома пайдо мекунад. Яке аз шоҳони Туғлуқӣ дар бозгашт аз Банғолаи навакак ба зери тасарруфаш даромада дар роҳ ба Деҳлӣ тавассути номае аз шайх Низомиддин тақозо мекунад, ки то омаданаш Деҳлиро тарк кунад. Шайх Низомиддин мактубро хонда гуфтааст: «Ҳанӯз то ба Деҳлӣ расиданат хеле вақт аст». Аз қазо дар шаҳри Туғлуқобод ҳангоми маросиме шифти долон болои сари шоҳ меафтаду ӯ ба ҳалокат мерасад. Баъзеҳо мегӯянд, ки куштори шоҳро шоҳзода



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҷавна, ки баъдан бо номи Муҳаммад Туғлуқ ба тахт мешинад, ба роҳ мондааст. Вале ақидае низ ҳаст, ки ин корро шогирди бовафои шайх Низомиддин Аҳмад валади Маликзодаи Айёз, ки дар хизмати шоҳ будааст, ташкил намудааст.

Низомиддинро муридону тарафдоронаш Маҳбуби Илоҳӣ ва Султони Авлиё мегуфтанд. Низомиддин дар синни 91 солагӣ вафот карда дар наздикии Деҳлӣ дар минтақае бо номи Гҳийатпур ба хок супурда шудааст. Мақбараи ӯ зиёратгаҳи пиру ҷавони ҳиндуву мусалмон аст.

Яке аз шогирдони бовафову наздики Низомиддини Авлиё шоири тавонои форсу тоҷик, ихтироъкори созҳои дар ҷаҳон машҳури таблаву сетор Амир Хусрави Деҳлавӣ буд. Вале шайх Низомиддин ҷойнишини худ шайх Насириддинро, ки бо лақаби «Чароғи Деҳлӣ» машҳур будааст, таъин мекунад. Дар даврони шогирдиаш Насириддин чунон ҳам ба мутолиъаву ибодати Илоҳӣ сахт машғул будааст, ки шӯҳраи дуру наздик мешавад. Оммаи мардум ҳамеша дидану шуниданашро орзу ва талаб мекардаанд. Ӯ аз мулоқотҳои зиёд бо мардум нороҳат шуда аз пираш иҷозат мепурсад, ки ба хотири бештари вақтро ба ибодату зикри Худо бахшидан гӯшанишиниро ихтиёр кунад. Вале Низомиддин ба ӯ мегӯяд, ки ин азобу шиканҷаро ӯ низ бояд таҳаммул кунад ва дар байни мардум бошад. Шайх Насириддин соли 1356 бар асари як сӯиқасд ба ҷонаш кушта мешавад. Баъд аз сари ӯ сарварии тариқатро муридаш Саид Муҳаммади



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гесӯдарози Банданавоз ба ӯҳда мегирад. Саид Муҳаммади Гесӯдароз соли 1320 мелодӣ дар Деҳли ба дунё омадааст. Аз синни 16 солагӣ шогирди шайх Насириддин мегардад. Соли 1398 мелодӣ ба сабаби ҳамлаи Темур ба Деҳлӣ он ҷоро тарк карда ба Даккан меравад ва дар он ҷо то охири умраш соли 1422 зиндагӣ мекунад.

Ба ҳамин минвол тариқати чиштия тавассути шогирдону алоқамандони ин шахсиятҳои дар боло зикргардида ва афроди дигари мансуби ин шохаи тасаввуф, ки минбаъд сарварии ин тариқатро ба ӯҳда доштанд, тадриҷан дар кишварҳои Ҳиндустону Покистону Афғонистон ва ҳатто Аврупо мунташир мегардад. Чиштия дар Ҳиндустон дар ҳоли хозир тариқати аз ҳама сернуфустарини тасаввуф ба шумор меравад. Дар паҳн шудани ақоиди ин тариқат дар Аврупо саҳми яке аз овозхонҳои машҳур, мутриби мумтоз, файласуфу нависанда Пир Иноят Хон хеле калон аст. Пир Иноят Хон 7 майи соли 1882 дар Бародеи Ҳиндустон таваллуд шудааст. Бобои ӯ профессор, муассиси Академияи мусиқӣ дар Бароде Мавло Бахш дар тарбияи ҳамаҷонибаи набераааш кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст. Иноят Хон ба ғайр аз забонҳои ҳиндиву англисӣ боз забонҳои форсӣ, санскрит ва арабиро хуб медонистааст. Дар синни 18 солагӣ ӯ яке аз машҳуртарин овозхонҳои Ҳиндустон ба шумор мерафт. Дар дохили кишвар ба сафарҳои зиёди ҳунарӣ мебаромад. Боре ҳини яке аз сафарҳояш дар шаҳри Ҳайдаробод бо муршиди ояндаи худ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хоҷа Саид Муҳаммади Абу Ҳошими Маданӣ, ки ҳабдаҳумин сарвари тариқати чиштия аз замони таъсисёбиаш ба шумор мерафт, мулоқот мекунад. Ин мулоқот дар тақдири Пир Иноят Хон нақши ҳалкунанда бозидааст. Баъд аз ин Пир Иноят Хон дар зарфи панҷ сол пайваста аз Саид Муҳаммади Маданӣ дар Ҳайдаробод таълим мегирад. Баъди хатми таҳсил дар назди муршид репертуари Пир Иноят Хонро аксаран таронаҳои ирфонӣ ташкил медоданд. Ӯ дар маърӯзаҳояш дигар бештар аз мусиқии ирфонӣ ҳарф мезад. Маърӯзаҳояшро дар Университети Калкатта Робиндранат Такур нависандаи машҳур шунидаву писандидааст. Соли 1910 Пир Иноят Хон ба Амрико сафар мекунад ва аз он ҷо ба Русияву Фаронса меравад. Дар ҳама ҷо таронаҳои ирфонӣ мехонду аз нақши мусиқӣ дар тасаввуф ҳарф мезад ва пайравону ҳамфикрони зиёде пайдо мекард. Созмонҳои дӯстдорони мусиқии ирфониро таъсис медод. Масалан, бо хоҳиши ӯ дар Санкт Петербург роҳбарии шӯъбаи фарҳангии ҷамъияти суфиёни Русияро Сергей Львович Толстой, писари нависандаи машҳури рус Лев Николаевич Толстой ба ӯҳда дошт. Феълан давомдиҳандаи кори Пир Иноят Хон писараш Пир Вилоят Хон мебошад, ки дар Аврупо бо таблиғи тариқати чиштия машғул аст.

Тариқати чиштия ҳарчанд дар хоки Афғонистон арзи вуҷуд карда бошад ҳам, аммо он дар Ҳиндустон рушду нумӯ ёфт ва густариш пайдо кард. Дар Афғонистон бошад он асосан аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сӯи овозхонҳое, ки тақрибан як саду панҷоҳ сол пеш бо ибтикори Амир Шералихон аз Ҳиндустон оварда шуда буданд, мунташир шуд. Амир Шералихон, ки саввумин амири силсилаи бориказайӣ мебошад ва дар фосилаи солҳои 1242 ва 1258 (1863-1879-и мелодӣ) ҳиҷрии шамсӣ дар Афғонистон ҳукумат кардааст, соли 1248 (1871) ба Ҳиндустон сафар мекунад. Ҳангоми сафар ҳукуматдорони Ҳиндустон ӯро хеле хуб пазирой мекунанд. Вақти бозгаштан ба ӯ мегӯянд, ки ҳарчи дилаш мехоҳад метавонад бо худ ба ватанаш бибарад. Амир Шералихон аз он кишвар бо худ як гурӯҳи ҳунармандони мусиқиро, ки ҳама аҳли тариқати чиштия буданд, ба Афғонистон меорад. Ба навиштаи овозхон ва муҳаққиқи ҳунари мусиқии афғонӣ Абдулваҳҳоби Мададӣ дар байни он ҳунармандон Миён Самандархон (падаркалони устод Нату), устод Соин Гунд Кулихон, Миён Маҳтобхон, устод Гамухон (падаркалони модари устод Сароҳанг) Натахон, Барпурхон, Толеъманд, устод Карим Бахш (падаркалони падари устод Раҳим Бахш) будаанд. Баъдтар ба онҳо Сатторҷӯ (падари устод Қосим) аз Кашмир, Ато Ҳусайн (бобои устод Сароҳанг) аз Лоҳур низ ҳамроҳ мешаванд. Бо омадани ин гурӯҳ дар ҳунари мусиқии Афғонистон, гуфтан мумкин аст, як таҳаввулоти инқилобие рух медиҳад, ки ин баҳси дигар мавзӯъ аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## САМОЪ «ҒИЗОИ ДИЛҲО»

Яке аз хусусиятҳои асосии фарқкунандаи тариқати чиштия аз дигар тариқатҳои тассавуф дар ин аст, ки истифодаи мусиқӣ дар расидан ба ҳадаф аз воситаҳои муҳимтарини он ба ҳисоб меравад. Мусиқиро дар ин тариқат барангезанда ва фурӯзандаи оташи муҳаббати Илоҳӣ медонанд. Маъракаҳоеро, ки дар онҳо бо истифода аз олоти мусиқӣ суруду таронаҳои ирфонӣ мехонанд, дар тариқати чиштия низ чун дар дигар тариқатҳои тасаввуф самоъ мегӯянд. Самоъ калимаи арабӣ буда аз масдари «самаъа» гирифта шуда, маънояш «шунидан» ва ё «он чизеро, ки мешунаванд», мебошад. Калимаи «Самоъ» дар Қуръони маҷид вонамехӯрад, вале дар адабиёти пешазисломии араб ба маънои тарона хеле зиёд истифода шудааст. Дар тасаввуф бошад базми сӯфиёну дарвешонро, ки дар он бо истифода аз олоти гуногуни мусиқӣ шеър мегӯянду тарона мехонанд ва бо ин васила ба Ҳақ мепайванданд, самоъ меноманд. Сӯфиён самоъро «ғизои дилҳо» меҳисобанд. Ширкаткунандагони самоъ маъмулан дар ҷараёни он ба ваҷд меоянд. Ваҷд ҳолатест дар инсон наздик ба бехудӣ ва ё бо ибораи дигар бигӯем, ваҷд ҳаяҷонест шадид. Сӯфиён мӯътақиданд, ки чунин ҳолат дар ширкаткунандаи самоъ ҳангоми рӯҳан ба Зоти пок наздик шудан рух медиҳад. Ин ҳолат аломатҳои зоҳирӣ низ дорад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ширкаткунандагони самоъ дастафшониву сарҷунбонӣ мекунанд.

Аввалин маълумотро дар бораи самоъ аз маъхазҳои адабиёти назариявии тасаввуф, ки ҳанӯз дар асри нӯҳи мелодӣ навишта шудаанд, пайдо кардан мумкин аст. Махсусан вақте, ки сухан дар бораи орифони он давр Зуннунии Мисрӣ, Абӯ Ҳусайни Нурӣ ва Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ меравад, муаллифон маъмулан аз самоъ ёд мекунанд. Зимнан бояд бигӯем, ки дар дини мубини ислом дар иртибот бо самоъ фақиҳон ва шариатмадорон аз рӯи нуқтаи назарашон умдатан ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд. Тарафдорони самоъ ва мухолифини он. Масалан, олими машҳур ибни Абу Дардо (вафоташ соли 894-и мелодӣ) бо номи «Замм –ал-малохи» («Дар мазамматидилхуш-кунандаҳо») китобе навиштааст. Дар китоб омадааст, ки мусиқӣ ва суруд хилофи таълимоти Пайғамбари гиромӣ Муҳаммад (С) ва ёронаш мебошад. Ва аммо Абӯ Толиб Муҳаммади Маккӣ (вафоташ 996-и мелодӣ) дар «Қут-ул-қулуб», Абӯ Абдурраҳмон Суламӣ дар «Китоб-ас-самоъ» ва баъдан дар асрҳои минбаъда олимони тасаввуф ва орифон Абӯлқосими Қушайрӣ, Абӯ Ҳомид имом Ғаззолӣ, Наҷмиддини Кубро, Аҳмади Ҷомӣ, Наҷмиддини Бағдодӣ, Аҳмади Тӯсӣ ва ғайра дар асарҳои худ бо такя ба аҳодиси Пайғамбари гиромӣ (С) ва гуфтаҳои уламои дигар аз самоъ дифоъ намуда моҳияти онро дар тарбияи мазҳабӣ ва ахлоқии ҷомеъа кушода додаанд. Дар тасаввуф асосан дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ду тариқат **чиштия** ва **мавлавия** самоъро ҳамчун василаи расидан ба Ҳақ тарғибу ташвиқ мекунанд ва беш аз дигарон истифода мебаранд. Дар тариқати қодирия аз он сарфи назар мекунанд. Пир Иноят Хон дар китоби худ «Мистицизм звука» ривоятеро меорад, ки тибқи он асосгузори тариқати қодирия Хоҷа Абдулқодири Гелонӣ, ки бо номи Ғафсулаъзам низ маъруф аст, боре аз Бағдод ба зиёрати асосгузори тариқати чиштия Хоҷа Муиниддин Ҳасан ба Аҷмири Ҳиндустон меравад. Ҳангоме ки лаҳзаи ҳарвақтаи самоъ фаро мерасад, Хоҷа Муиниддин Ҳасан ва пайравонаш ба эҳтироми меҳмони худ, ки нисбати самоъ назари манфӣ дошт, аз ташкили базми самоъ худдорӣ мекунанд. Вале дар ҳамин вақт ғайричашмдошти ҳама олоти мусиқӣ худ аз худ ба навозиш медароянд. Ин ҳолатро дида Хоҷа Абдулқодири Гелонӣ ба Хоҷа Муиниддин Ҳасани Чиштӣ мегӯяд:

-Агарчӣ дин манъ мекунад самоъро, вале ин барои дигарон аст, на барои ту.

Дар сарчашмаҳои тасаввуфӣ нуқтаи назари асосгузори тариқати нақшбандия Хоҷа Баҳоваддини Нақшбанд низ оварда мешавад, ки муносибати аҳли ин тариқатро ба самоъ чунин иброз кардааст: «Мо самоъро инкор намекунем, вале худ ин кор намекунем».

Самоъ маъмулан ва бештар дар хонақоҳҳо ва сари марқади бузургони ин тариқатҳо дар рӯзҳои урс барпо карда мешаванд. Дар кӯчаву растаҳо ба ҳолати самоъ рафтани сӯфиёну дарвешон низ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

як ҳолати муқаррарист. Муаллифи «Маноқиб-ул-орифин» Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ ҳолати ба самоъ рафтани ҳазрати Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро дар гузари Заркӯбони шаҳри Қуния чунин тасвир кардааст:

«Рӯзе ҳазрати Мавлоно, ки машҳури оламиён шуда буд, дар ғалаботи шӯру самоъ, аз ҳаволии Заркӯбони шаҳр мегузашт. Магар овози тиқ-тиқи зарби эшон ба самъи муборакашон расида, ки аз хушии он зарб шӯри аҷибе дар Мавлоно зоҳир шуд ва ба чарх даромад. Ҳамон лаҳза шайх ( Салоҳиддини Заркӯбӣ С.Ҳ.)-ро аз олами ғайб илҳом шуд: «Берун ой, ки Мавлоно дар чарх аст ва халоиқи бисёре гирдогирди ӯ ҳалқа баста». Шайх наъразанон аз дӯкони худ берун ҷаст ва сар дар қадами Мавлоно ниҳода бехуд шуд. Ҳазрати Мавлоно ӯро дар чарх бар рӯй ва мӯйи муборакашон бӯсаҳо медод ва навозиш мефармуд. Шайх , ки аз ғояти риёзат ва муҷоҳидати қавӣ заъиф гашта буд, аз ҳазраташ амон хост, ки «маро тоқати самоъи Мавлоно нест» ва ҳамоно ба шогирдони дӯкон ишорат мекард, ки то фориғ шудани ҳазрати Мавлоно аз самоъ аслан ист накунанд ва даст аз зарб вонадоранд. Маъмулан агар авроқи зар пора-пора шавад ва реза- реза гардад, нобуд мешавад. Расми он санъат чунон аст, ки бар зарварақ зарбҳои маъдуд мезананд ва чун аз ҳад бигузарад талаф ва реза мегардад. Ҳазрати Мавлоно ҳамчунон аз вақти намози зӯҳр то ҳангоми



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намози аср дар самоъ буд. Тифоқо гӯяндагон низ расиданд ва ин ғазалро сароғоз фармуданд:

**Яке ганҷе падид омад дар ин дӯкони заркӯбӣ,**
**Зиҳӣ сурат, зиҳӣ маънӣ, зиҳӣ хубӣ, зиҳӣ хубӣ.**
**Зиҳӣ бозори Заркӯбон, зиҳи асрори яъқубон,**
**Ки ҷони Юсуф аз ишқаш барорад шӯри яъқубӣ.**
**Зи ишқи ӯ ду сад Лайлӣ чу Маҷнун банд медаррад,**
**К-аз ин оташ забун ояд сабуриҳои айюбӣ.**
**Шуда заркӯбу ҳақ монда, танаш чун**
**зарварақ монда,**
**Ҷавоҳир бар табақ монда чу Заркӯбии каррӯбӣ.**
**Биё бинвоз ошиқро. ки ту ҷонӣ ҳақоиқро,**
**Бизан гардан мунофиқро, агар аз вай биошӯбӣ.**

Шайх Салоҳиддин дид, ки ба ҷои он, ки варақҳо пора шаванду чизе талаф гардад, тамоми дӯкон пури варақи зар шуду маҷмӯъи олоти заркӯбон заррин гашт. Ва чун шайх кони ду кавнро дар дӯкони худ мушоҳида кард, ҷома бар тани хеш чок зад ва фармуд, ки дӯконро яғмо кунанд.

Ҳамон буд, ки дӯкони худ гузошту сари дӯкони ду кавн бархост ва ба сӯҳбати худовандгор равона шуд. Ҳазрати Мавлоно ҳамон ишқбозӣ ва иноятҳоеро, ки барои мавлоно Шамсиддини Табрезӣ аззамаллоҳу зикраҳ мефармуд, дар мазҳари музҳари ӯ он вилоятро мушоҳида карда, ҳамон таъзим ва тахфимро пеш гирифт ва ҷони поки беқарораш бо ӯ ором ёфт».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тибқи маълумоти дигар манбаъҳо Салоҳиддини Заркӯбӣ баъд аз ин муддати даҳ сол халифаи ҳазрати Мавлоно будааст. Ҳангоме, ки Салоҳиддини Заркӯбӣ вафот мекунад, тибқи васияташ тобути ӯро то оромгоҳ ҳашт даста қаввол таронагӯён ва ҳазрати Мавлоно бо шогирдонаш дар миён чархзанон мебурданд.

Дар маъхазҳо омадааст, ки асосгузори тариқати мавлавия шоир ва орифи бузург Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аксари осори хешро асосан дар ҳолати дар самоъ будан эҷод кардааст. Ин омил ба мазмуну мундариҷа, ба ҷозибадориву оҳангнокӣ ва дигар хусусиятҳои шеърии осори Мавлоно бетаъсир намондааст. Мавлоно ба самоъ чунон дилбастагие доштааст, ки дар васфи самоъ ва моҳияти он чандин ғазал низ гуфтааст. Масалан дар як ғазалаш муридонашро ба самоъ ба ин тарз даъват мекунад:

**Самоъ омад ҳало ай ёр, барҷаҳ!**
**Мусобиқ бошу вақти кор барҷаҳ!**
**Ҳазорон бор хуфтӣ ҳамчу лангар,**
**Мисоли бодбон ин бор барҷаҳ!..**
**В-агар коҳил бувад қаввролу ориф,**
**Бад ӯ деҳ хирқаву дастор барҷаҳ!..**

Дар ғазали дигараш Мавлоно самоъро ба набарде ташбеҳ медиҳад, ки дар он набард мулки Ишқро бояд тасхир кард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Самоъ аз баҳри ҷони беқарор аст,**
**Сабук барҷаҳ, чи ҷои интизор аст.**
**Машин ин ҷо ту бо андешаи хеш,**
**Агар мардӣ бирав он ҷо, ки ёр аст.**
**Чу марди ҷангӣ бонги табл бишнид,**
**Дар он соат ҳазор андар ҳазор аст.**
**Шунидӣ табл баркаш зуд шамшер,**
**Ки ҷони ту ғилофи Зулфиқор аст.**
**Бизан шамшеру мулки Ишқ бистон,**
**Ки мулки Ишқ мулки пойдор аст…**

Самоъ чист? Дар як ғазали дигараш ба ин савол Мавлоно чунин посухи равшану возеҳ медиҳад:

**Самоъ чист? Зи пинҳониёни дил пайғом,**
**Дили ғариб биёбад зи номаашон ором.**
**Шукуфта гардад аз ин бод шохаҳои хирад,**
**Гушода гардад аз ин захма дар вуҷуд масом.**
**Саҳар расад зи нидои хурӯси рӯҳонӣ,**
**Зафар расад зи садои нағораи Баҳром.**
**Ҳаловате аҷиб дар бадан падид ояд,**
**Ки аз найю лаби мутриб шаккар расид ба ком.**
**Ҳазор каждуми ғамро кунун бин кушта,**
**Ҳазор даври фараҳ бин миёни мо бе ҷом.**
**Зи ҳар тараф биҷаҳад беқарор Яъқубе,**
**Ки бӯи пироҳани юсуфӣ биёфт машом.**

Ҳис мекунам, ки хонандагони гиромиям маро барои аз мавзӯи мақола хеле дур рафтанам маломат карданианд. Вале хоҳишмандам



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

саросема нашаванд. Мақсад аз ин руҷӯъи давомдор ин аст, ки вақте, ки дар хотима натиҷагирӣ мекунем, барояшон дарки хулосаҳо душвор набошад ва маро дуруст бифаҳманд. Ҳамин тавр бо ин руҷӯъи хеле дуру дароз ба таърихи тариқати чиштия, зиндагиномаи пирони он ва шарҳи самоъ мо гуфтанӣ нестем, ки Аҳмад Зоҳир низ сӯфӣ буду барои ҳамин ҳам аҳли ин тариқат дар марги ӯ мотам гирифтанд. Вале ӯ кӣ буд?

## Ӯ ХУДОРО БЕШ АЗ ДИГАРОН ЁД МЕКАРД

Сирри маҳбубияти беандоза баландро миёни алоқамандони мусиқии ноб касб кардани Аҳмад Зоҳир дар чист? Дар ин бора аҳмадзоҳиршиносон фикру ақидаҳои гуногун доранд. Як қисм бар ин назаранд, ки қабл аз ҳама садо ва истеъдоди Худододи сароядагии Аҳмад Зоҳир ӯро дар байни ҳампешагонаш нобиғаи мусиқии давр кардааст. Дуввумҳо даъво доранд, ки ба интихоби матни суруд мазмуну мундариҷаи таронаҳо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардан яке аз ҷиҳатҳои асосии фарққунандаи ҳунари сарояндагии Аҳмад Зоҳир буд ва ин ҷиҳат ӯро шӯҳратёр намудааст. Саввуминҳо аз он ёд мекунанд, ки Аҳмад Зоҳир аз ҷумлаи нахустин овозхонҳои форсигӯ ҳаст, ки қариб ним аср пеш кӯшиши ба ҳам наздик сохтани мусиқии Шарқу Ғарбро кардааст. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

омилҳои дигарро сабаби маҳбубият касб кардани Аҳмад Зоҳир медонанд. Вале мутассифона, кам касоне вомехӯранд, ки ба фикри банда аз муҳимтарин омиле, ки сабаби асосии маҳбубият касб кардани Аҳмади Зоҳир гаштааст, ёдовар шаванд. Гап дар сари он аст, ки Аҳмад Зоҳир -яке аз сермаҳсултарин таронасарои форсигӯ дар таронаҳояш аз дигарон бештар ба Худованд руҷӯъ кардааст, номи Худоро аз ҳама зиёд ба забон гирифтааст, аз Худо беш аз дигарон ёдовар шудааст. Барои мисол аз наздик ба 400 суруде, ки репертуари ӯро ташкил медиҳанд, дар беш аз як саду панҷоҳ таронааш, ӯ аз вожаҳои муқаддаси Худо, Худоҷон, Худованд, Аллоҳ, Илоҳӣ, ё Раб, Ҳақ , Қуръон, Ҳаҷ, Қибла, Каъба, зиёрати Сахиҷон ва ғайра истифода кардааст.

Бале, Аҳмад Зоҳир ба мисли баъзе аз овозхонҳое, ки соф дар васфи Худованд ва пайғамбарони ӯ, ба хусус Расули Акрам (с) наътҳо хондаанд ё худ ба қавли худи афғонҳо қавволӣ хонда бошанд, махсус суруд ва ё таронае надорад. Вале дар суруду таронаҳои ишқӣ , панду ахлоқӣ ва ирфониаш ӯ аз дигарон бештар ба Худованд муроҷиат кардааст ва асмои муборакӣ Холиқи якторо дар таронаҳояш аз ҳама биёртар истифода бурдааст.

Дар солҳои ҳукумати шӯроҳо дар Ватани мо чӣ шоирон ва чи овозхонҳо наметавонистанд дар ашъор ва таронаҳои худ ин вожаҳоро бемалол истифода кунанд. Сензура инро манъ мекард. Вале буданд шоирону овозхонҳое ба мисли устод



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Одина Ҳошим ва дигарон, ки дар маҳфилҳои хоса наъту қиссаҳои ирфонӣ мехонданд. Аммо намегузоштанд, ки он таронаҳо сабт шаванд ва дастраси ҳамагон гарданд. Зеро барои чунин фаъолият онҳо мебоист дар назди органҳои марбута ҷавоб мегуфтанд ва ин ба рушди ояндаи онҳо ҳамчун овозхон таъсири манфӣ гузошта метавонист. Вале мардум, халқи оддӣ мисли он кӯдаконе, ки чизи гаронбаҳояшонро калонҳо пинҳон мекунанд, дар такопӯй ва ҷустуҷӯй буданд ва ҳар чизеро ба он чизи пинҳонкардашуда монанд мебуд, пайдо мекарданд, дӯст ва гиромӣ медоштанд.

Суруду таронаҳои Аҳмад Зоҳир, ки солҳои 70-80-ум асосан тавассути радиои Афғонистон, кассетаҳои магнитафонӣ вориди Тоҷикистон мешуд ва аз хусусиятҳои дар боло зикр шуда бархӯрдор буд, ҳамин холигии талаботи маънавии ҳаводорони суруду таронаҳоро дар кишвари мо пур мекард. Ҳаводорони шеъру мусиқӣ медиданд, ки чи тавре, ки худи онҳо дар зиндагии рӯзмараашон ба Худо рӯй меоранд, бо Ӯ муноҷот мекунанд, аз Ӯ кӯмак металабанд, пеши Ӯ аз болои касе ё чизе шикоят мебаранд, Аҳмад Зоҳир низ дар таронаҳояш ҳамин тавр кардааст. Азбаски ин хоҳишу майли онҳо дар қолаби зебои шеъру тарона ифода ёфта буд, он суруд ва ё тарона мақбулашон мешуд ва овозхонро низ announced мेписанданд ва дӯст медоранд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Худо бувад ҳамроҳет,**
**Қуръон пушту паноҳет.**
**Зиёрати Сахиҷон,**
**Кунад зи ғам нигоҳет.**

Таронае, ки бо ин мисраъҳо оғоз мешуд, яке аз охирин таронаҳои Аҳмад Зоҳир буд, ки чанд моҳ пеш аз маргаш соли 1979 сабт шудааст. Ҳамон солҳо ин таронаро дар Тоҷикистон бисёриҳо мехонданд, вале дар маҳфилҳо, дар тӯйҳо. Дар консертҳои филармония баъзе овозхонҳо онро бидуни ҳамин мисраъҳои болоӣ месуруданд. Зеро иҷозат набуд.

Таронаҳои даврони навҷавонии Аҳмад Зоҳир аксаран агар ишқи заминиро тараннум кунанд ҳам, дар онҳо низ асмои Худованди беҳамто хеле зиёд ёд мешавад:

**Зи бас ба ёди ту ҳар шаб Худо, Худо кардам,**
**Ба боргоҳи Худо маҳшаре ба по кардам.**

Ё худ:

**Ё Раб, ғами бераҳмии ҷонон ба кӣ гӯям?**
**Ҷон аз ғами ӯ сӯхт ғами ҷон ба кӣ гӯям?**

Ҳамин тариқ он овозхоне, ки (на танҳо овозхон) ҳамеша Худоро ёд мекунаду аз Ӯ мадад металабад, Ӯро васф месозад, фармудаи Ӯро мекунад, албатта Парвардигорро низ аз ӯ хушаш меояд. Ӯро дӯст медорад. Садояшро ҷаззобу гиро



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

мекунаду ҳунарашро шодобу воло. Ҳар бандаеро, ки Худои бузург дӯст дорад, бандагони Худо низ дӯсташ хоҳанд дошт. Аҳмад Зоҳирро Худо дӯст медошт, ки бандагони Худо дӯсташ медоранд.

## НАХУСТИН ОМОТУРЕ, КИ АЗ ИРФОН ГУФТААСТ

Дар солҳои панҷоҳум то шастуми мелодии асри гузашта дар ҳунари мусиқии афғонӣ як тағйироти ҷиддии дигаре ба вуқӯъ пайваст. Дар баробари овозхонҳои касбӣ устод Сароҳанг, устод Шайдо, устод Қосим, устод Раҳим Бахш, устод Хаёл, устод Ҳамоҳанг ва ғайра рӯи саҳна гурӯҳи овозхонҳои ҷавоне омаданд, ки онҳоро омотур мегуфтанд. Омотур калимаи фаронсавӣ буда маъnoяш ҳунарманди ҳаваскор, яъне ҳунарманде, ки асосҳои ин ва ё он ҳунарро расман дар таълимгоҳе ва ё пеши устоде ҳамаҷониба фаро нагирифтааст, мебошад. Ба аввалин омотурони ҳунари мусиқии Афғонистон овозхонҳои шинохта Абдуҷалил Залонд, Ҳусайни Ормон, Абдураҳими Сорбон, Раҳим Ҷаҳонӣ, Зоҳир Ҳувайдо, Аҳмад Зоҳир, Масҳур Ҷамол, Абдулваҳҳоби Мададӣ, Раҳим Меҳриёр, Аҳмад Наим, Аҳмад Мурид, Абдуллоҳи Шодком, Ҳабиб Шариф, Шеър Шарор, Акбар Ромиш, Фарҳоди Дарё, Ваҳид Қосимӣ, устод Маҳваш, хонум Парасту, хонум Салмо, хонум Ҳангома ва ғайра дохил мешаванд. Аз ин таҳаввулоти инқилобӣ дар мусиқии афғонӣ даҳсолаҳо мегузаранду соли



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

2002 болои санги мармари мақбараи аз нав барқароргардидаи Аҳмад Зоҳир дар баробари дигар суханҳо ҷумлаи зеринро низ ҳаккокӣ мекунанд: **«Аҳмад Зоҳир нахустин омотуре буд, ки ишқу фалсафаи ирфониро ба мусиқии Афғонистон даромехт ва ҷойгоҳи шоистаеро дар шеъру фарҳанги ҷомеъаи мо ба худ касб кард».** Бубинед, дар байни чунин овозхонҳои маъруф, ки ҳанӯз ҳам мо феҳристи пурраи онро наовардаем, Аҳмад Зоҳире, ки ба ҳангоми маргаш дар соли 1979 ҳамагӣ 33- сол дошт, аввалин омотуре шуд, ки ба сурудани таронаҳои ирфонӣ оғоз кардааст. Ин аз чӣ гувоҳӣ медиҳад? Аз он, ки ҳанӯз аз оғози фаъолияти овозхониаш дар дили ӯ оташи ишқи Илоҳӣ фурӯзон будааст:

**Агар ишқ бошад гуноҳи Илоҳӣ,**
**Саропо гуноҳам Илоҳӣ, Илоҳӣ!**
**Нишон деҳ раҳи Каъбаи ошиқонро,**
**Ба Маҷнуни гумкардароҳе, Илоҳӣ.**
**Ба майхона ҳам раҳ надоданд моро,**
**Куҷо рӯ кунад бепаноҳе, Илоҳӣ?**
**Маро субҳи рухсори оинарӯйе,**
**Нишонда ба рӯзи сиёҳе, Илоҳӣ!**

Ё худ ин ғазали Хоҷуи Кирмониро дар маҳфиле, ки гоҳе аз лаҳзаҳои он самоъи дарвешон, вале асосан қавволихониро ба хотир меорад, такрор ба такрор бо як гурӯҳи ҳампешагонаш бо як шавқу шӯре мехонад, ки шунавандаро низ ба он муҳити ирфонӣ мекашад:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Агар пинҳон бувад пайдо, ман он**
**пайдои пинҳонам,**
**В-агар нодон бувад доно, ман он**
**донои нодонам.**
**Ҳумои гулшани қудсам, на сайди**
**донаву домам,**
**Тазарви боғи фирдавсам, на мурғи**
**ин гулистонам.**
**Ман он ҳушёри сармастам, ки набвад**
**бе қадаҳ дастам,**
**Нагӯям нестам, ҳастам, ба дил ҳам ину**
**ҳам онам.**
**Сипеҳри меҳрро моҳам, ҷаҳони**
**ишқро шоҳам,**
**Бутонро остин бӯсам, муғонро**
**офарин хонам.**

Баъзе муҳаққиқин бар ин назаранд, ки Аҳмад Зоҳир агарчанде ғазалҳои ирфониро зиёд хонда бошад ҳам, вале манзури ӯ ҳамчун овозхон аз хондани ин ғазалҳо на ишқи Илоҳӣ, балки ишқи заминист. Мо ба ин фикр розӣ шуда наметавонем, зеро худи шодравон Аҳмад Зоҳир ба ин даъвоҳо дар як сурудаш хеле посухи возеҳ гуфтааст. Ба гуфтаи дӯстони наздикаш Аҳмад Зоҳир дар рӯзҳои ахири умраш таронаи мардумии тӯёнаи «Оста буру»-ро хеле зиёд мехондааст ва мехостааст, ки онро дар студиё сабт кунад. Вале, мутаассифона, ба мақсадаш намерасад. Ва аммо, хушбахтона, чанд сабти



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маҳфилии ин тарона то ба имрӯз маҳфуз аст, ки дар яке аз онҳо Аҳмад Зоҳир мегӯяд:

**Ман ишқ ба он Зоти Илоҳӣ дорам,**
**Оста буру, моҳи ман , оста буру.**

Аҳмад Зоҳир матни таронаҳои ирфониро аксаран аз шоирони классик Бобо Тоҳири Урён, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Хаёлии Бухороӣ, Фахриддини Ироқӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Соиби Табрезӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Хоқонии Шервонӣ ва ғайра, ки ашъори сӯфиёна гуфтаанд, гирифтааст.

## ПАЙВАНДИ АҲМАД ЗОҲИР БО МАВЛАВӢ

Вале дар ин байн таваҷҷӯҳи Аҳмад Зоҳирро бештар ашъори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба худ ҷалб кардааст. Дар ин бора муҳаққиқ Ҷамолиддин Саидзода дар мақолаи худ «Шеъри Мавлоно дар барномаи ҳунарии Аҳмад Зоҳир», ки дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» 8-и феврали соли 2007 чоп шудааст, чунин менигорад: «Аҳмад Зоҳирро, ки рӯҳе саршор аз ишқу мастӣ, шӯру ҷазаба дошт, бештар ғазали Мавлавӣ шефтаву сеҳр мекард ва бармеангехт. Биноан, ӯ аз шароби каломи вай маст мегардид ва оҳанге пуршӯр ва пур аз эҳсосу авотифи



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ошиқонаву моломол аз шӯру ҷазабаву ғалаёни рӯҳи инсонӣ меофарид, зеро ба қавли Алии Даштӣ «бодае, ки Ҷалолиддин Муҳаммад аз он дам мезанад, як зарраащ кофист, ки ҷаҳони ҳастиро зеру забар кунад». Дар ҳақиқат, ҳамин сифати каломи Мавлоност, ки Аҳмад Зоҳир сеҳру ҷоду мекунад, ба дунболи худ мебарад ва ба замзамаю нағмапардозӣ вомедорад».

Муқоисаи репертуари Аҳмад Зоҳир бо дигар овозхонҳо нишон медиҳад, ки то охирҳои солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар байни сароянддагони форсигӯй ӯ аз дигарон бештар иқдом ба сурудани ашъори Мавлавӣ кардааст. Барои мисол бобои мусиқии Афғонистон устод Сароҳанг, ки эҷодиёташ аз 500 тарона бештар аст, дар репертуари худ танҳо як тарона бар матни Мавлоно дораду халос. Дар борaи дигар овозхонҳои афғонии он солҳо (Худо кунад, ки малоли хотирашон нашавад) низ тақрибан ҳамин чизро гуфтан мумкин аст. То солҳои наздик овозхонҳои афғонӣ аз осори Мавлавӣ маъмулан таронаҳои «Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад», «Пири ману муроди ман», «Онҳо, ки талабгори Худоед, Худоед» ва асосан он таронаҳоеро мехонданд, ки Аҳмад Зоҳир хонда буд. Аҳмад Зоҳир тибқи маълумоти мӯътамаде, ки дар даст дорем, қариб сӣ сол пеш ёздаҳ ғазали зерини Мавлоноро хондааст:

**Ай қавми ба ҳаҷ рафта куҷоед, куҷоед?**
**Биёед, биёед ба майдони харобот.**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Биёед, биёед, ки гулзор расида.**
**Биравед, ай ҳарифон, бикашед ёри моро.**
**Дидам нигори худро мегашт гирди хона.**
**Зи ҳамроҳон ҷудоӣ маслиҳат нест.**
**Ман масту ту девона, моро кӣ барад хона?**
**Ман ғуломи қамарам, ғайри қамар ҳеҷ магӯ.**
**Маъшуқа ба сомон шуд, то боз чунин бодо!**
**Пӯшида чун ҷон меравӣ, андар миёни ҷони ман.**
**Рав, сар бинеҳ ба болин, танҳо маро раҳо кун.**

Касе, ки каму беш бо ғазалиёти Мавлавӣ шинос аст, аз ин феҳрист мебинад, ки ин ғазалҳо, дар ҳақиқат, намунаи беҳтарини осори ин нобиғаи шеъру ирфон ба шумор меравaнд. Масалан, ғазали «Пӯшида чун ҷон меравӣ, андар миёни ҷони ман» ба гуфтаи донишманди эронӣ, мавлавишинос Абдулкарими Суруш « ҳам лафзан ва ҳам маънан шоҳкории ҳазрати Мавлоно ҳаст». Ба гуфтаи ин олими маъруф ин ғазалро Ҷалолиддини Балхӣ ба шайх Салоҳуддини Заркӯбӣ, бахшидааст. Тибқи «Девони Шамс» дар таҳияи олими маъруф Бадеъуззамон Фурӯзонфар, ки манбаъи мукаммал ва мӯътамад ба шумор меравад, ин ғазали Мавлавӣ аз чордаҳ байт иборат аст. Аҳмад Зоҳир чор байти онро дар таронаи худ ба ин шакл ҷой додааст:

**Пӯшида чун ҷон меравӣ, андар миёни ҷони ман,**
**Сарви хиромони манӣ, ай равнақи бӯстони ман.**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Ҳафт осмонро бардарам, в-аз ҳафт**
**дарё бигзарам,**
**Чун дилбарона бингарӣ дар ҷони**
**саргардони ман.**
**Аз лутфи ту чун ҷон шавам, в-аз**
**хештан пинҳон шавам,**
**Ай ҳасти ту пинҳон шуда дар**
**ҳастии пинҳони ман.**
**Чун меравӣ бе ман марав, ай ҷони ҷон,**
**бе тан марав,**
**В-аз чашми ман берун марав,**
**ай шӯълаи тобони ман.**

Ба гуфтаи Абдулкарими Суруш мухотаби шоир дар ин ғазал дар баъзе байтҳо агар Салоҳиддини Заркӯбӣ бошад, дар баъзеи дигар Худованд аст. Масалан, аз ин чор байте, ки дар таронаи Аҳмад Зоҳир омадааст, аз нуқтаи назари Абдулкарими Суруш Мавлавӣ дар байтҳои аввалу охир ба Салоҳиддин мурочиъат кардааст. Аммо дар байтҳои дуввуму саввум руҷӯъи ӯ ба Парвардигор аст. Бо эҳтимоли зиёд ана ҳамин нозукиҳоро Аҳмад Зоҳир медонист. Ҳатто аз оҳанги барои ин ғазал таҳия намудааш, аз истифодаи олоти мусиқӣ ҳангоми иҷрои ин оҳанг, аз интихоби ритми оҳанг чунин ба назар мерасад, ки ӯ ҳатто аз қиссаи дар назди дӯкони шайх Салоҳиддин ба ҳолати самоъ рафтани Мавлавӣ бохабар будааст. Ин тасодуфӣ нест, ки яке аз олотҳои мусиқӣ дар тӯли ин тарона садоеро аз худ мебарорад, ки зарбазании



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

заркӯбонро пеши назар меорад ва ё аниқтараш ба садои нозукона зарбазании олоти заркӯбӣ хеле монанд аст.

Ҷои зикр аст бигӯем, ки дар баъзе китобҳо ва мақолаҳое, ки дар бораи Аҳмад Зоҳир навишта шудаанд, муаллифони онҳо боз чандин шеъри шоирони дигарро моли Мавлавӣ гуфта ба риштаи таҳлил кашидаанд. Масалан, дар мақолаи дар боло зикршудаи мӯҳтарам Ҷамолиддин Саидзода ҳамин чизро мебинем. Аз ҷумла, ӯ ғазали «Эй нозанин, аз ишқи ту девонаам, девонаам» ва шеъри «Ошиқ шудаӣ, эй дил, ғамҳоят (на ғавғот С.Ҳ.) муборак бод»-ро ба Ҷалолиддини Балхӣ мансуб медонад, ки ин иштибоҳ аст. Ғазали «Эй нозанин, аз ишқи ту девонаам, девонаам» моли Муҳаммад Ҳусейни Алиободӣ буда, таронаи «Ошиқ шудаӣ, эй дил, ғамҳоят муборак бод» аввал ин, ки ғазал нест. Ин аз ҳамон матне, ки муаллиф дар мақолааш овардааст, маълум аст. Дуввум ин шеъре, ки назираи мусалласмонанд ба ғазали машҳури Мавлоно «Ошиқ шудаӣ, эй дил, савдот муборак бод» аст, маҳсули қалами шоири шодравони афғон Абдулаҳмади Адо аст. Ин шоирро шояд мухлисони собиқадори шеъру адаб дар Тоҷикистон шиносанд. Охири солҳои 80-уми асри гузашта чанд муддат дар кишвари мо иқомат намуда, озмун ва маҳфилҳои шеър низ созмон додааст. Ӯ бо Аҳмад Зоҳир дар замонаш ҳамкориҳои зичи эҷодӣ доштааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ашъори Мавлавӣ як хусусияти ба худ хос дорад, ки ин чизро дар осори шоирони дигар камтар мебинем. Ҳангоми дар қолаби мусиқӣ садо додани шеъри Мавлоно он на танҳо рӯҳу қалбҳоро такон медиҳад, балки узвҳои зоҳирии ҷисми инсонро низ қарор намегузорад. Ҳатман ҳаддиаққал як узви бадан вокунише ба ин тарона нишон медиҳад, ки онро худи одам гоҳо дарк намекунад. Оё сабаби ин пеш аз ҳама дар он нест, ки шеър ва ё аниқтараш ғазал дар васфи Худо гуфта шудааст ва шеъри осмонӣ дорои ҳамин хусусиятҳост ва ин хусусиятҳо маҳз ҳамон вақт зуҳур мекунанд, ки агар ин ғазалро хушсадое ҳамчун Аҳмад Зоҳир хонда бошад? Дар ҳолати самоъ гуфта шудани ин ғазалиёт низ, албатта, таъсире рӯи вижагиҳои ин ашъор доштааст. Чуноне, ки мебинем, вақтҳои охир сарояндагони зиёде дар Эрону Афғонистону Тоҷикистон ва ҳатто дар кишварҳои ғарбӣ ҳам рӯ ба ашъори Мавлавӣ кардаанд. Ана ҳамин хусусиятҳои ғазалиёти Мавлоно таронаҳои ин қабил овозхонҳоро миёни таронаҳои бар ашъори дигар шоирон сурудаашон фарқ мекунонад. Онҳо ҷолибтару ширинтар садо медиҳанд. Барои ҳамин ҳам ҳатто як овозхони на он қадар маъруф вақте таронаеро бар матни Мавлоно беғалат мехонад, он ҷолиб ва муассир ба назар мерасад. Бузургии Аҳмад Зоҳир боз дар он аст, ки ана ҳамин нозукиҳои ғазалиёти Мавлоноро мӯшикофона дарк карда мувофиқ ба маънӣ ва мазмуни он оҳангеро таҳия ва ё интихоб мекунад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки таъсирнокии ғазалиёти Мавлоноро барои мухлисони садояш тақвият мебахшад. Ин гуна муносибати эҷодкоронаро ба ғазалиёти Мавлавӣ дар вақти ба оҳанг дароварданашон аз сӯи дигар овозхонҳо камтар ба мушоҳида гирифтаем.

## ТАСАВВУФ ПАНОҲГОҲЕ АЗ НОУМЕДИҲО?

Барои ин ки боз сабабҳои дигари ба эҷодиёти Ҷалолиддини Балхӣ рӯ овардани Аҳмад Зоҳирро хуб дарк карда тавонем, пеш аз ҳама зиндагинома ва осори боқигузоштаи ҳарду ин нобиғаи замони хешро бояд хуб донем. Аҳмад Зоҳир дар поёни умри кӯтаҳаш борҳо ба зарбаҳои равонӣ рӯ ба рӯ шуд. Ҳарчанд зоҳиран инро нишон намедод, вале яъсу ноумедӣ дар тӯли чор панҷ соли пеш аз маргаш ҳамеша домангираш буданд. Як сӯ ғами ҷудоӣ аз ишқи аввалу фарзанди ҷигарбандаш, аз сӯи дигар марги модари меҳрабонаш ва ба маҳбаскашиданҳову фишорҳои ҳукуматдорон ӯро хеле шикастарӯҳу ошуфтаву бемадор карда буданд. Ғами ватану ватандорӣ низ ӯро ором намегузошт. Ҳама ёронаш баъди эҳсоси хатар ба ҷонашон парешон шуда буданд. Аҳмад Зоҳир ҳайрон аз худ суол мекард, ки «чӣ шуд, ки рехт ба ҳам боз ошиёнаи мо?». Қалби саршор аз меҳру муҳаббаташ ҳис мекард, ки Афғонистони азизаш дар лобалои фоҷиаи даҳшатноке қарор дорад. Ӯ дар як ҳолати хеле печидаву мушкили рӯҳӣ, афсурдагӣ қарор гирифта буд. Инро атрофиёни ӯ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чи некхоҳону чи бадхоҳонаш, медиданд. Ва ҳар касе тибқи салоҳдиди худ, бо дар назардошти афкору ақоид ва манофеи хеш дар ин лаҳзаи ҳассоси зиндагии Аҳмад Зоҳир бо ӯ бархӯрд мекарданд. Пинҳон нест, ки ҳар як овозхони хуб дар баробари мухлисону алоқамандони зиёд доштан, инчунин аз ҳисоби ҳампешагони худ нотавонбинону ҳасудонро низ дорад, ки ҳамеша дар пайи расондани зиёне ба ӯ ҳастанд. Аҳмад Зоҳир миёни ин овозхонҳои хуб аз ин ҷиҳат истисно набуд. Ҳосидон ҳамеша мекӯшиданд аз Аҳмад Зоҳир як чеҳраи торику номатлуберо бисозанд. Баъзе ашхоси машкуке аз олами ҷиноӣ низ дар ин давра мехоҳанд ӯро ба манфиатҳои худ истифода кунанд. Тибқи иттилои дӯстонаш Аҳмад Зоҳир маҳз дар ҳамин давраи ҳаёташ мавриди таваҷҷӯҳи боз бештари аҳли тариқати чиштия қарор мегирад. Аниқтараш ӯ бо дарвеше, ки бештарин вақт ӯро дар хонақоҳи чиштиёни Кобул медиданд ва ҳама Малангаш мегуфтанд, шиносоӣ пайдо мекунад. Маланг қабл аз он, ки бо Аҳмад Зоҳир шахсан дар муколима шавад, фитаҳои ӯро, махсусан таронаҳо бар матни ашъори Мавлавӣ сурудаи Аҳмад Зоҳирро дар ҳузури мардуми зиёд дар магнитофон бо садои баланд монда, дар гирдогирди он дастҳо сӯи осмон то хатми тарона чарх мезад. Ҳама ҳозирин ин ҳолатро ба самоъ рафтани Маланг меномиданд. Овозаи Маланг ба гӯши Аҳмад Зоҳир низ мерасад. Баъди нахустин мулоқот бо Маланг, ба гуфтаи дӯстонаш, Аҳмад Зоҳир



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ибрози хушҳолӣ мекард. Рӯҳан шод менамуд. Дидорбиниҳои Аҳмад Зоҳир бо Маланг аз ин ба баъд қариб ҳар ҳафта сурат мегирифтанд.

Акнун мехоҳам дар ҳамин ҷо ба ёд биёрем, ки Ҷалолиддини Румӣ низ баъди вафоти пайдарҳами модару падар ва устодаш Бурҳониддин хеле ҳам дилшикаставу хаста ба назар мерасид. Ҳатто дигар на дарс ба шогирдон медоду на муколима бо уламо мекард. Вохӯрӣ бо Шамси Табрезӣ дари олами дигареро ба рӯи ӯ кушод. Ӯ дигар муриди ҳалқабаргӯши Шамси Табрезӣ шуд. Ба рақсу самоъ пардохту ба эҷоди шеър. Ин дӯстӣ бо Шамси Табрезӣ Ҷалолиддини Балхиро билохира асосгузори тариқати мавлавия кард. Тариқати Мавлавия дар асри 14 ба Ҳиндустон роҳ ёфт. Дар он ҷо пайравони тариқати чиштия аз даврони Хоҷа Низомиддин Авлиё шурӯъ карда осори Мавлавиро як чизи ҳатмӣ барои омӯзиш ба пайравони худ тавсия медоданд.

Ва аммо Аҳмад Зоҳир дар бораи мӯҳтавои мулоқотҳояш бо Маланг ба касе чизе намегуфт. Ӯ баъди ин вохӯриҳояш ба тариқати чиштия гаравид ё не ба касе маълум нест ва ё маълум ҳам бошад инро на дар Афғонистон ва на берун аз он касе то ба ҳол ошкоро нагуфтааст. Вале ҳаминаш аниқ аст, ки аз ин ба баъд устод Осифи Маҳмуди Чиштӣ, яке аз таблазанҳои хеле машҳур, таблазани сартоҷи мусиқии Афғонистон, устод Сароҳанг бештар аз таблазанони дигар дар консертҳои расмӣ ва маҳфилии Аҳмад Зоҳир ӯро ҳамроҳӣ мекард. Устод Осиф дар як мусоҳибаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

худ ба бахши форсии радиои ББС аз хусуси ин ҳамкориҳояш бо Аҳмад Зоҳир ёдовар шуда гуфтааст, ки дар бойгонии хеш таронаҳоеро дорад, ки бо зиндаёд Аҳмад Зоҳир якҷо таҳия кардаанд ва онҳоро то ҳол кам касоне шунидаанд. Ба назар мерасад, ки Аҳмад Зоҳир дар ҳамин давра мекӯшад то дар бораи тарзу усули хондани рогҳои ҳиндӣ, қавволӣ маълумоти бештаре дошта бошад. Дар консертҳои маҳфилиаш тадриҷан аз баъзе унсурҳои тарзи хондани қавволӣ ва рог истифода мекард. Баъдан аз устодоне чун Ҳафизуллоҳ Хаёл, Ҳамоҳанг дуруст ва ё нодуруст будани тарзи хонданашро дар вақти сурудани ин гуна унсурҳои таронаҳои классикӣ пурсон мешудааст. Ба гуфтаи дӯстонаш маҳз дар ҳамин давраи ҳаёташ таваҷҷӯҳи Аҳмад Зоҳир ба мутолиаи китобҳои ашъори шоирони тасаввуф, хосатан Ҷалолиддини Балхӣ зиёд мешавад.

Овозхони шинохта ва олими шарқшинос Ҷӯрабек Назриев, ки замоне дар Афғонистон буд ва бо Аҳмад Зоҳир робитаи дӯстӣ дошт, боре аз ӯ суол кардааст, ки чаро ин қадар зиёд алоқаманди ашъори Мавлавӣ аст?

-Ҷалолиддини Балхӣ ҳасби ҳоли маро гуфтааст. Он чи имрӯз дилам мехоҳад бишунавад, ҳамонро гуфтааст. Ғазалиёти Мавлавӣ барои қалби захминам марҳамеанд, ки сӯзиши онро то андозае коҳиш медиҳанд,- посух додааст хунёгари бузург.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шогирдон ва наздикони Аҳмад Зоҳир ҳангоми мулоқот бо нависандаи ин сатрҳо нақл мекарданд, ки Аҳмад Зоҳир бисёр мехост бифаҳмад, ки чӣ гуна Ҷалолиддини Балхӣ чунин ашъори норберо эҷод кардааст, ӯ чӣ гуна Ишқи бузурге доштааст, ки хомаи ӯ шарафи эҷоди чунин шоҳкориҳоро пайдо кардааст. Вай тамоми он китобҳоеро, ки дар бораи Ҷалолиддини Балхӣ навишта шуда буданд ё қиссаҳо доштанд, ҷамъ мекард ва аз бар менамуд. Журналист ва овозхони афғонӣ Забеҳуллоҳи Амонёр дар сӯҳбат бо мо гуфт, ки Аҳмад Зоҳир боре аз устод Муҳаммад Умар, ки аз сабаби беҳтарин ва машҳуртарин рубобнавози кишвар буданаш ба ӯ лақаби «Султони рубоб»-ро дода буданд, ин қиссаро дар бораи Ҷалолиддини Балхӣ мешунавад:

«Султон Валад писари Ҷалолиддини Балхӣ ривоят кардааст, ки рӯзе аз падарам пурсиданд, ки дар нағмаи рубоб чӣ шигифтиҳост, ки ӯ он қадар аз навохтани он маст мегардад?

Мавлоно ҷавоб гуфтанд, ки «Мо аз он овози дарвозаи биҳиштро мешунавем».

Дар он маҳфил Саид Шарофиддин аз ҳазрати Мавлоно суол карданд: «Мо низ овози рубобро мешунавем, лек чаро гарм намегардем ва ба шӯр намеоем?» Мавлоно гуфтанд: «Он чӣ мо мешунавем садои боз шудани дарвозаи биҳишт аст ва он чи ту мешунавӣ садои баста шудани он».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Ҳувалғафур зи ҷӯши шароб мешунавам,**
**Садои боби биҳишт аз рубоб мешунавам.**
**Тафовут аст миёни шунидани ману ту,**
**Ту бастани дару ман фатҳи боб мешунавам.**

**Соиби Табрезӣ**

Баъди шунидани ин қисса Аҳмад Зоҳир тасмим мегирад, ки ба дастаи мутрибонаш рубобнавозеро доимӣ ворид созад. Рубоб дар чанд моҳи ахири фаъолияти Аҳмад Зоҳир яке аз созҳои фаъоли дастаи навозандагонаш ба шумор мерафт. Аз ҷумла дар вақти сурудани вариантҳои охирини таронаҳои «Худо бувад ёрет», «Ошиқ шудаӣ, ай дил ғамҳоят муборак бод» истифодаи рубоби афғонӣ нисбат ба дигар созҳо фаъолтар ба назар мерасад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АҲМАД ЗОҲИР
## ПИР ИНОЯТ ХОНИ СОНӢ БОЯД МЕШУД?

Аҳмад Зоҳир ин чизеро, ки ҳоло мегӯем, худ медонист ва ё не ба мо маълум нест. Вале мо ҷуръат мекунем ҳадс бизнем, ки сарварони аҳли тариқати чиштия ҳамаи хислат ва хусусиятҳои шахсиву ҳунарии ӯро ба инобат гирифта, мехостанд тадриҷан аз ӯ Пир Иноят Хони сонӣ ва ё худ афғониро бисозанд. Зеро Аҳмад Зоҳир аз бисёр ҷиҳат ба иҷрои чунин рисолат омода буд. Миёни овозхонҳои афғонӣ садои аз ҳама хубу гиро ва ҷаззобро ӯ дошт. Майли беандоза ба омӯзиши ашъори ирфонӣ нишон медод ва онро бештар аз дигарон дар таронаҳояш истифода мебурд. Мусиқии муосири ҳиндӣ ва ғарбиро хеле хуб медонист. Ба ғайр аз забонҳои дариву пашту боз ба забонҳои англисӣ, урду ва ҳиндӣ хуб ҳарф мезад. Шояд танҳо чизе, ки сарварони тариқати чиштияро аз ошкоро ба тариқати худ даъват кардани Аҳмад Зоҳир монеъ месохт, ин робитаҳои ӯ бо ашхосе буд, ки аз нуқтаи назари нозукиҳои мазҳабӣ板 барояшон машкук ба ҳисоб мерафтанд. Барои ҳамин ҳам ҷалби Аҳмад Зоҳир ба тариқати чиштия босаброна, эҳтиёткорона ва бо як ҳавсалаи зиёд ба тадриҷ амалӣ мешуд. Охир, Аҳмад Зоҳир Нусрат Фотеҳ Алӣ Хон набуд, ки аҷдодаш ҳудуди 600 сол боз аз аҳли ҳамин тариқат бошанду аз насл ба насл қавволихониро пешаи худ ҳисоб кунанд. Зимнан бояд бигӯем, ки Нусрат Фотеҳ Али Хон обрӯи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳунари қавволихониро дар Покистони солҳои 70-уми асри гузашта то андозае боло бурд, ки дар Ғарб ба он таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карданд. Солҳои 80-уми асри гузашта бастакорону корчалонҳои соҳаи ҳунари мусиқии Ғарб бо Нусрат Фотеҳ Алӣ Хон ҳамкории зич барқарор мекунанд. Таронаҳои ӯро, ки асосан наъти Худову Расул (С) ва ёрони Пайғамбари охирзамон мебошанд, бо каме оранжировка вориди филмҳои ҳунарии худ мекарданд. Овозхонҳо, мутахассисин ва дӯстдорони мусиқӣ дар кишварҳои Ғарб дар аввал асосан аз тариқи филмҳои ҳунарӣ бо садои гирои Нусрат Фотеҳ Али Хон ошно шуданд. Баъдан сафарҳои ҳунарии Нусрат Фотеҳ Алӣ Хон ба ин кишварҳо ба як кори муқаррарӣ табдил шуда буд. Садои махмалини ӯ Лучианно Паваротти, Мадонна барин овозхонҳои машҳури ғарбиро ба ваҷд овардааст, ки онҳо таърифашро борҳо кардаанд. Баъзе мусиқишиносон бар ин ақидаанд, ки Нусрат Фотеҳ Алӣ Хон дар касб кардани шӯҳрати ҷаҳонӣ мутриби машҳури Ҳиндустон Равӣ Шанкарро низ пеш гузашт. Садҳо нафар намояндагони адёни дигар баъди шунидани таронаҳои Нусрат Фотеҳ Али Хон калимаи шаҳодат арза карда мусулмон шудаанд. Воқеан, Нусрат Фотеҳ Алӣ Хон таронаҳои форсиро низ гоҳ- гоҳе мехонд. Махсусан шунидани таронае, ки матнашро ин шеъри Мавлонои Балх ташкил медиҳад, аз садои пурэъҷози ӯ хеле гуворост:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**На ман беҳуда гирди кӯйи он дилдор мегардам,**
**Мазоқи ошиқӣ дорам, пайи дидор мегардам.**
**Шароби шавқ менӯшам, ба гирди ёр мегардам,**
**Сухан мастона мегӯям, вале ҳушёр мегардам…**

Аз ин рӯ бори дигар мукаррараран зикр мекунем, ки сарварони тариқати чиштия дар Афғонистон низ эҳтимолан мехостанд овозхонеро ҳамчун Пир Иноят Хон ва ё Нусрат Фотеҳ Али Хон дар сафи худ дошта бошанд, ки дар оянда шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кунад ва барои тариқати чиштия ва дини мубини Ислом хизмате карда бошад. Вале марги муфоҷои Аҳмад Зоҳир ба ин нақшаҳои наҷиби онҳо хати батлон мекашад. Дар хонақоҳ дар сӯги ӯ нишастану ба ёдаш марсияи сӯзнок гуфтани аҳли ин тариқат аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Аҳмад Зоҳир барояшон як фард ва ё овозхони оддӣ набуд. Қабл аз Аҳмад Зоҳир ва баъди ӯ низ овозхонҳои хеле машҳури афғонӣ, аз қабили устод Қосими Афғон, устод Сароҳанг, устод Шайдо ва ғайра дунёи фониро тарк гуфтаанду аксаран мисли Аҳмад Зоҳир дар қабристони Шуҳадои Солеҳини Кобул ба хок супурда шудаанд. Мардуми шарифи афғон онҳоро низ бо як обрӯй ва эътибори баланд ба роҳи охират гусел кардаанд. Аммо тобути ягон нафари онҳоро то ба гӯристон бо мусиқӣ набурдаанд. Шоҳидони айнии маросими ҷанозаи ӯ қисса мекунанд, ки вақте тобути Аҳмад Зоҳир вориди қабристон шуд, чандин нафар аз пайравону алоқамандонаш ва афроди ношинос аз



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҳар гӯшаи издиҳоми бузург таронаҳои худаш ва ё сурудҳоеро дар васфи Худову Расул (С) ва ё худи Аҳмад Зоҳир мехонданд. Онҳо мегӯянд, ки ин бори аввал буд, ки дар як қабристони Кобул садои мусиқӣ танинандоз мегардиду тарона мехонданд. Ин корро ҳукумати вақти Афғонистон наметавонист ташкил кунад, чун раҳбарияти он рӯи хуши дидани Аҳмад Зоҳирро надошт. Вале касе ва ё гурӯҳе аз одамон, бешубҳа, ин корро созмон дода буданд. Ва ин метавонист танҳо гурӯҳӣ муташаккилеву мусаллаҳ бо далоили фиқҳӣ бошад. Аз ин ба баъд дигар ҳар сол дар рӯзи марги Аҳмад Зоҳир пайравону алоқамандонаш аз субҳи содиқ бо асбобҳои мусиқӣ ба сари қабраш омада то ғуруби офтоб он ҷо суруду таронахонӣ мекунанд. Чи тавре, ки ин корро дар Ҳиндустону Покистон аҳли тариқати чиштия дар сари марқади бузургони ин тариқат дар рӯзҳои урс (ёдбуд)-ашон мекунанд. Чи тавре, ки ин корро дар тариқати мавлавия рӯзи 17-уми декабр, дар рӯзи вафоти Ҷалолиддини Румӣ ё худ дар рӯзи урси ӯ пайравону алоқамандони ӯ дар назди мақбарааш дар шаҳри Қунияи Туркия мекунанд. Шояд яке аз сабабҳои асосии аз сӯи гурӯҳи толибон замони ба сари қудрат омаданашон дар соли 1996 тахриб шудани мақбараи Аҳмад Зоҳир ҳамин дар қабристон гузаронидани маросими урс аст, ки дар баъзе мазоҳиби дини ислом онро хилофи шариат медонанд. Дуруст аст, ки толибон умуман зидди ҳунари мусиқӣ буданд ва онро дар шариат



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҳаром мегуфтанд. Вале бубинед, ки қабрҳои дигар овозхонҳои шинохтаи афғонро, ки дар паҳлӯи гӯри Аҳмад Зоҳир буданд, онҳо хароб накарданд. Танҳо ин корро дар қиболи мақбараи Аҳмад Зоҳир карданду халос. Чун мақбара хароб бошад, касе наметавонад кореро он ҷо анҷом бидиҳад. Як сол баъди шикасти толибон, дар соли 2002 мақбараи Аҳмад Зоҳирро аз нав барқарор карданд ва инак боз маросими урс ҳар сол дар он ҷо баргузор мегардад.

Хонандагони гиромӣ, дар хотима мехоҳам ин нуктаро хидмати шумо арз намоям, ки ҳадаф аз навиштани ин мақола таҳмил кардани нуқтаи назаре, ки то ин лаҳза бо он шинос гардидед, болои касе намебошад. Дар мавзӯи иртиботи эҳтимолии Аҳмад Зоҳир бо тариқати чиштияи тасаввуф ҳанӯз ҳам дар Афғонистон касе чизе нагуфтааст. Шояд ба ин мавзӯъ муҳаққиқони афғонӣ аз ин ба баъд руҷӯъ кунанд. Ва аммо, фикр мекунам, ки он чизе, ки мо дар ин ҷо гуфтем, агарчи шогирдона ҳам ҳаст, ҳаққи мавҷудиятро дорад ва Худо кунад, ки боиси озурдахотирии шумо нашуда бошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ТАРОНАҲОИ
# БАР МАТНИ МАВЛАВӢ
# СУРУДАИ АҲМАД ЗОҲИР



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АЙ ҚАВМИ БА ҲАҶ РАФТА,
## КУҶОЕД, КУҶОЕД?

Ай қавми ба ҳаҷ рафта, куҷоед, куҷоед?
Маъшуқ ҳамин ҷост, биёед, биёед.

Маъшуқи ту ҳамсояи девор ба девор,
Дар бодия саргашта шумо дар чӣ ҳавоед?

Гар қасди шумо дидани он хонаи ҷон аст,
Аввал рухи оина ба сайқал бизудоед!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БИЁЕД, БИЁЕД, БА МАЙДОНИ ХАРОБОТ

Биёед, биёед, ба майдони харобот,
Матарсед, матарсед, зи урёни харобот.

Ҳама маст дароед, дар ин қаср биёед,
Ки султони салотин шуда меҳмони харобот.

Шаҳаншоҳ, шаҳаншоҳ, яке базм ниҳода,
Бигӯед, бигӯед, ба риндони харобот.

Биёед, биёед, матарсед, матарсед,
Гунаҳҳо бубахшед, ба султони харобот.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БИЁЕД, БИЁЕД, КИ ГУЛЗОР ДАМИДАСТ

Биёед, биёед, ки гулзор дамидаст,
Биёед, биёед, ки дилдор расидаст.

Ҳама шаҳр бишӯред чу овоза дар афтод,
Ки девона дигар бор зи занҷир раҳидаст.

Бар он зишт бихандед, ки аз ёр бимондаст,
Бар он ёр бигирйед, ки аз ёр буридаст.

Чӣ рӯз аст, чӣ рӯз аст, чунин рӯз қиёмат,
Магар номаи аъмол аз офоқ буридаст.

Хамӯш бош, хамӯш бош, макун фош,
макун фош,
Махӯр ғӯраву мафшор, ки ангур расидаст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БИРАВЕД, АЙ ҲАРИФОН,
## БИКАШЕД ЁРИ МОРО

Биравед, ай ҳарифон, бикашед ёри моро,
Ба ман оваред як дам санами гурезпоро.

Ба таронаҳои ширин, ба баҳонаҳои рангин,
Бикашед сӯи хона, маҳи хушлиқои моро.

В-агар ӯ ба ваъда гӯяд, ки дами дигар биёям,
Ҳама ваъда макр бошад, бифиребад ӯ шуморо.

Чу ҷамоли ӯ битобад, чӣ бувад ҷамоли хубон?
Ки рухи чу офтобаш, бикушад чароғҳоро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДИДАМ НИГОРИ ХУДРО МЕГАШТ ГИРДИ ХОНА

Дидам нигори худро мегашт гирди хона,
Бардошта рубобе мезад яке тарона.
Бо захмаи чу оташ мезад таронаи хуш,
Масту харобу дилкаш аз бодаи мағона.
Дар пардаи ироқӣ мезад ба номи соқӣ,
Мақсуд бода будаш соқӣ будаш баҳона.
Соқии моҳрӯе дар дасти ӯ сабӯе,
Аз гӯшае даромад бинҳод дар миёна.

**(Навори ин тарона феълан дастрас нест)**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЗИ ҲАМРОҲОН ҶУДОӢ, МАСЛИҲАТ НЕСТ

Зи ҳамроҳон ҷудоӣ маслиҳат нест,
Сафар бе рӯшноӣ маслиҳат нест.

Чу пар ёбӣ ба сӯи доми Ҳақ пар,
Ки аз домаш раҳоӣ маслиҳат нест.

Чу по дорӣ бирав дасте биҷунбон,
Туро бедасту поӣ маслиҳат нест.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАН МАСТУ ТУ ДЕВОНА, МОРО КӢ БАРАД ХОНА?

**Рез: Аҳд кардам, ки дигар май нахӯрам дар ҳама умр,**
**Ба ҷуз аз ин шабу фардо шабу шабҳои дигар.**

Ман масту ту девона, моро кӣ барад хона?
Сад бор туро гуфтам: «Кам хӯр ду-се паймона!».

Дар шаҳр яке касро ҳушёр намебинам,
Ҳар як бадтар аз дигар шӯридаву девона.

Ҷоно, ба харобот ой, то лаззати ҷон бинӣ,
Ҷонро чӣ хушӣ бошад бе сӯҳбати ҷонона?

Аз хона бурун рафтам, мастем ба пеш омад,
Дар ҳар назараш музмар сад гулшану кошона.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАН ҒУЛОМИ ҚАМАРАМ,
## ҒАЙРИ ҚАМАР ҲЕҶ МАГӮ

Ман ғуломи қамарам, ғайри қамар
ҳеҷ магӯ,
Пеши ман ҷуз сухани шаҳду шакар
ҳеҷ магӯ.

Дӯш девона шудам, ишқ маро диду бигуфт:
«Омадам, наъра мазан, ҷома мадар,
ҳеҷ магӯ».

Ай нишаста ту дар ин хонаи пурнақшу
нигор,
Хез, аз ин хона бурун рахт бубар, ҳеҷ магӯ.

Гуфтам: «Ин рӯи фариштаст аҷаб ё башар
аст»?
Гуфт: «Ин ғайри фариштаст, башар, ҳеҷ
магӯ».

Гуфтам: «Ин чист бигӯ зеру забар хоҳам
шуд»,
Гуфт: «Мебош, чунин зеру забар ҳеҷ магӯ».



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАЪШУҚА БА СОМОН ШУД,
## ТО БОД ЧУНИН БОДО!

Маъшуқа ба сомон шуд, то бод чунин бодо!
Куфраш ҳама имон шуд, то бод чунин
бодо!

З-он талъати шоҳона, з-он машъалаи хона,
Ҳар гӯша чу майдон шуд, то бод чунин
бодо!

З-он хашми дурӯғинаш, з-он шеваи
ширинаш,
Олам шакаристон шуд, то бод чунин бодо!

Ид омаду ид омад, ёре, ки рамид, омад,
Идона фаровон шуд, то бод чунин бодо!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПӮШИДА ЧУН ҶОН МЕРАВӢ, АНДАР МИЁНИ ҶОНИ МАН

Пӯшида чун ҷон меравӣ, андар миёни ҷони
ман,
Сарви хиромони манӣ, ай равнақи бӯстони
ман.

Ҳафт осмонро бардарам, в-аз ҳафт дарё
бигзарам,
Чун дилбарона бингарӣ дар ҷони
саргардони ман.

Аз лутфи ту чун ҷон шавам, в-аз хештан
пинҳон шавам,
Ай ҳасти ту пинҳон шуда дар ҳастии
пинҳони ман.

Чун меравӣ бе ман марав, ай ҷони ҷон, бе
тан марав,
В-аз чашми ман берун марав, ай шӯълаи
тобони ман.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## РАВ, САР БИНЕҲ БА БОЛИН, ТАНҲО МАРО РАҲО КУН

Рав, сар бинеҳ ба болин, танҳо маро раҳо
кун,
Тарки мани хароби шабгарди мубтало кун.

Моему мавҷи савдо, шаб то ба рӯз танҳо,
Хоҳӣ, биё бубахшо, хоҳӣ, бирав, ҷафо кун.

Бар шоҳи хубрӯён воҷиб вафо набошад,
Ай зардрӯи ошиқ, ту сабр кун, вафо кун.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАРСИЯ ДАР МАРГИ
## АҲМАД ЗОҲИР

Хонақаҳ ҷое, ки ушшоқи фано,
Ишқ меварзанд бе шайду риё.

Хонақаҳ ҷое, ки масти ваҳдатанд,
Аз худӣ берун маҳви фитратанд.

Хонақаҳ ҷое, ки дил дар сӯзу соз,
Сӯзҳо дорад бо аҷзу ниёз.

Хонақаҳ ҷое, ки сӯзи созҳо,
Месарояд аз ду олам розҳо.

Хонақаҳ ҷое, ки ҳукми мустаманд,
Мекунад дарро ба рӯи хоҷа банд,

Хонақаҳ ҷое, ки дил аз иртибот,
Медиҳад танро қарору ҳам субот.

Хонақаҳ мулки дили бечорагон,
Маъману маъвои ин уфтодагон.

Хонақаҳ аз кизб мебошад барӣ,
Хонақаҳ меҳру вафову дилбарӣ.

Хонақаҳ аз дил ҳикоят мекунад,
Аз ғурури тан шикоят мекунад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хонақаҳ ҷои гул аст, аз хор нест,
Хонақаҳ ҷавлонгаҳи ағёр нест.

Хонақаҳ меҳру вафо мепарварад,
Тифли дилро бо сафо мепарварад.

Ман намедонам чаро имшаб, чаро?
Хонақаҳ хомӯшу бе шӯру садо.

Ҳам зи най сӯзе намеояд ба гӯш,
Не зи чаштиён касе дорад хурӯш.

Ман намедонам чаро соҳибдилон,
Менанолан зор мисли булбулон.

Ман намедонам чаро сӯзу гудоз,
Аз ниҳон имшаб бурун н-ояд зи ноз.

Бас сарозераст  ашки чаштиён,
Ҳамчу сел аз чашми ин соҳибдилон.

Мутрибон зору хароб уфтодаанд.
Чаштиён дар изтироб уфтодаанд.

Ашк чун фаввора аз чашмонашон,
Мерасад бар арсаи домонашон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гуфт мутриб бо дили ларзон чунин:
«Моҳи чаштиён ниҳон шуд дар замин».

Дар Хароботи харобободи мо,
Ғам намуда рахна дар бунёди мо.

Ҳар тараф овози сози пурғам аст,
Ин навои **Най** суруди мотам аст.

**Дилрабо** фарёди ғам орад бурун,
Қисса мегӯяд зи вазъи Бесутун.

Навҳа меборад зи оҳанги **Рубоб,**
Мурғи дил дар сина месозад кабоб.

**Табли** мотам мезанад устоди мо,
Қиссаи Мансур орад ёди мо.

Нола дар печад ба оҳанги **Сетор,**
Чун навои синаҳои доғдор.

**Най** кунун оташфишонӣ мекунад,
Бармало рози ниҳонӣ мекунад.

Нолаи **Танбӯру** тори **Арғанун**,
Мекашад дилро ба саҳрои ҷунун.

Соқии мастона бо нозу ниёз
Ишвае карду бигуфто: «Соз, соз».



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман намедонам чаро сози ғам аст.
Дар раги ҳар **Тор** гӯӣ мотам аст.

Ин харобобод зиндон гаштааст,
Ҳам сарои ҷумла риндон гаштааст.

Сар бурун овард аз оғӯши ғам,
Пири ботадбир гуфто: «Ай санам,

Як назар кун, бин сафои мо куҷост?
Партави меҳру вафои мо куҷост?

Нури чашми дӯстони мо, чӣ шуд?
Дилбари пири муғони мо чӣ шуд?

Нолаи мо, нағмаи мо, сози мо,
Дилбари мо, ишқи мо, дамсози мо,

Ҳасрато, акнун ки сур аз соз рафт,
Мастӣ ҳам аз най, ҳам аз овоз рафт.

Зоҳир, ай ёри вафодори ҳунар,
Бо ғурубат нағмаҳо шуд беасар.

Ай рафиқи сарзамини созу чанг,
Нолаҳоят созҳоро дод ранг.

Ай рафиқи сарву боғу бӯстон,
Ай ту нури дидаи пиру ҷавон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мо зи созат сӯзҳо андӯхтем,
Машъале дар анҷуман афрӯхтем.

Ай вафодори ҷаҳони ишқу роз,
Ай навопарварда булбул нағмасоз.

Ай навоят бозгӯи розҳо,
Ай ту ҷони мо навои созҳо.

Рафт дил аз синаам бо рафтанат,
Сар фидои ҷойгоҳи хуфтанат».

***Муаллифи марсия маълум нест. Онро аз барномаи ёдбуди Аҳмад Зоҳир, ки соле баъд аз вафоти ин хунёгар аз тариқи радиои Кобул садо додааст, сабт ва рӯи коғаз овардем.***



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтор…………………………………… ….3

Пайванди Аҳмад Зоҳир бо Мавлавӣ ………….6

Аҳмад Зоҳир моҳи чиштиён…………………….6

Таърихчаи тариқати чиштия…………………….8

Самоъ «ғизои дилҳо»…………………………….21

Ӯ Худоро беш аз дигарон ёд мекард…………..29

Нахустин омотуре, ки аз ирфон гуфтааст…….33

Пайванди Аҳмад Зоҳир бо Мавлавӣ…………36

Тасаввуф паноҳгоҳе аз ноумедиҳо?................42

Аҳмад Зоҳир пир Иноятхони Сонӣ бояд мешуд?.......................................................48

Таронаҳои бар матни Мавлавӣ сурудаи Аҳмад Зоҳир…………………………………… 54



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**СУЛТОНИ ҲАМАД**

**ПАЙВАНДИ АҲМАД ЗОҲИР БО МАВЛАВӢ**

Тарроҳи компютер: *Фарид Исматулло*

Ба матбаа 05.12.2007 супорида шуд. Ба чоп 16.12.2007
имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 5. Адади нашр 500 нусха.

Нашриёти «Деваштич»
ш. Душанбе, х. «Дӯстии халқҳо», 47
Тел: 23-56-66, 27-61-47
E-mail: devashtich@tojikiston.com



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед